# ТАҚРИЗ.КИТОБИЁТ
# ОБЗОРЫ.РЕЦЕНЗИИ
# SURVEYS.REVIEWS

*ТДУ 8Т1*
*ТКБ 83,3Т*

## *ТЕМУРМАЛИК АЗ ДИДГОҲИ Б. Ғ. ҒАФУРОВ (Нақде ба пажӯҳишҳои Б. Ғ. Ғафуров дар бораи Темурмалик ва ҳодисаи Хуҷанд)*

***Бойматов Луқмон Дадобоевич,*** *номзади илмҳои таърих, дотсент, директори Институти байналмиллалии таҳқиқоти тоҷикпажӯҳӣ (Шветсия)*

## *ТИМУР МАЛИК В ИССЛЕДОВАНИЯХ АКАДЕМИКА Б. Г. ГАФУРОВА*

***Бойматов Лукман Дадабаевич,*** *к.и.н., доцент, директор «Международного научно-исследовательского института таджиковедения” (Швеция)*

## *TIMURMALIK IN B.G. GAFUROV`S RESEARCHES*

***Boymatov Lukman Dadabaevich,*** *candidate of historical sciences, director of "International Research Institute for Tajik Studies" (Sweden),*
***E-mail:*** *LukmanL43@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Темурмалик, таърихи Хуҷанд, таърихи истилои муғул, таърихи Хоразмшоҳон, Бобоҷон Ғафуров*

*Дар ин навиштор шаклгирӣ ва таҳаввули андешаҳои таърихии академик Бобоҷон Ғафуров дар бораи ҷойгоҳи Темурмалик мавриди нақд ва баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд шудааст, ки мавзӯи таърихи дифои Хуҷанд аз лашкари муғул ва таъйини нақши таърихии Темурмалик дар ин мубориза аз ҷониби академик Б.Ғафуров бори нахуст бо ҳамкории А. Прохоров дар китоби «Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей родины» ироа гардида буд. Баъди ин дар тӯли беш аз 30 сол дидгоҳи Б. Ғ. Ғафуров дар қазияи ҷойгоҳи таърихии Темурмалик дар осори илмии минбаъдаи эшон - «Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна», «Тоҷикон» ва ғ.ифода ёфтаанд. Собит мешавад, ки дидгоҳи қатъӣ ва ниҳоии Б. Ғ. Гафуров пиромуни ҷойгоҳи таърихии Темурмалик дар китоби «Тоҷикон» баён шудааст, ки мардуми Хуҷандро омили аслии созмондиҳандаи ин мубориза дониста, ҳамзамон Темурмаликро, сарфи назар аз хостаҳои ғоявии ҳокими вақт, ба унвони қаҳрамони беназари таърихи миллӣ муаррифӣ намудааст.*

***Ключевые слова:*** *Тимур Малик, история Худжанда, история монгольского нашествия, история Хорезмшахов, Бободжон Гафуров*

*В статье анализируется место и роль Тимурмалика в исследованиях академика АН СССР Б. Г. Гафурова. Автор пытается показать формирование и развитие взглядов этого ученого по вопросам истории завоевания Худжанда монголами в 1219-1220 гг. При этом особое внимание уделяется анализу определения места и роли Тимурмалика в национальной истории. Отмечается, что тема истории защиты Худжанда от монгольского войска и определение исторической роли Тимурмалика в этой борьбе впервые обсуждались академиком Б. Гафуровым в сотрудничестве с А. Прохоровым в книге «Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей родины». Подчеркивается, что после публикации этой книги более 30 лет видение Б. Гафурова относительно исторического места Тимурмалика отразились в его последующих научных трудах - «Древнейшая, древняя и средневековая история», «Таджики» и др. Доказывается, что твердый и окончательный взгляд Б. Гафурова на историческое место Тимурмалика выражен в книге «Таджики», в которой народ Худжанда рассматривается как главный организатор этой борьбы, а Тимурмалик, вопреки односторонности советской идеологии, как уникальный герой отечественной истории.*

***Key words:*** *Timur Malik, history of Khujand, history of the Mongol invasion, history of Khorezmshahs, Bobojon Gafurov*

*The article analyzes the place and role of Timurmalik in the research of the academician of the USSR Academy of Sciences B.G. Gafurov. The author tries to show the formation and development of the views of this scientist on the history of the conquest of Khujand by the Mongols in 1219-1220. At the same time,*

*special attention is paid to the analysis of the definition of the place and role of Timurmalik in national history. It is noted that the theme of the history of the defense of Khujand from the Mongol army and the definition of the historical role of Timurmalik in this struggle were first discussed by academician B. Gafurov in cooperation with A. Prokhorov in the book "Tajik people in the struggle for freedom and independence of their homeland." It is emphasized that after the publication of this book for more than 30 years B. Gafurov's vision of the historical place of Timurmalik was reflected in his subsequent scientific works - "The most ancient, ancient and medieval history", "Tajiks", etc. It is proved that the firm and final view of B. Gafurov to the historical place of Timurmalik is expressed in the book "Tajiks", in which the people of Khujand are regarded as the main organizers of this struggle, and Timurmalik, in spite of the one-sidedness of Soviet ideology, as a unique hero of national history.*

Профессор Н.Турсунов, шояд аз нахустин муҳаққиқоне бошад, ки таваҷҷӯҳе бар осори Б. Ғ. Ғафуров дар ҷиҳати таҳқиқи таърихи дифои Хуҷанд дар баробари ҳамлаи муғул карда бошад. Чунончӣ, эшон дар бахши марбут ба таърихнигории мавзӯи таърихи дифои Хуҷанд ва ҷойгоҳи Темурмалик, ки «Темурмалик дар асарҳои илмӣ, адабӣ ва ҳунарӣ» ном дорад, зимни овардани номҳои чанде аз пажӯҳишгарон, аз қабили: де Оссон, Г. Вамберӣ, Ш. Шефер, В. В. Бартолд, А. А. Семенов, З. Ш. Раҷабов, А. Ю. Якубовский, И. П. Петрушевский, С. Айнӣ, ишорае бар таҳқиқоти Б. Ғ. Ғафуров кардааст [19, с. 20-36; 174-180].

Нигорандаи ин сатрҳо низ дар чанде аз пажӯҳишҳои худ, зикре аз заҳамоти илмии Б. Ғ. Ғафуров дар таҳқиқ ва баррасии таърихи ҳодисаи забти Хуҷанд тавассути муғул ва ҷойгоҳи Темурмалик намуда[4]. Агарчӣ, иқдомоти ҳар ду муаллифи фавқ, аз диди илми историографияи мавзӯъ усулианд, вале ҳеҷ кадоме аз онон қасди таҳлили вежаи илмӣ дар ҷиҳати таъйини шаклгирӣ ва таҳаввули фикрии академик Б. Ғафуров дар робита бо таърихи ҳодисаи Хуҷанд ва ҷойгоҳи Темурмаликро надоштаанд.

Дар ин навиштор, нигоранда нақд ва баррасии таҳаввули фикрии Б. Ғ. Ғафуровро дар мавзӯи таърихи дифои Хуҷанд дар ҷанги зидди муғул аз аслитарин ҳадафи таҳқиқи хеш қарор дода, саъй кардааст то саҳми Б. Ғ. Ғафуровро дар ҷиҳати таъйини нақши таърихии Темурмалик дар таърихи ҳамлаи муғул ба сарзамини ниёкон ба гунаи вузуҳ нишон бидиҳад.

Барои дарки диди қатъӣ ва ниҳоии академик Б. Ғ. Ғафуров, дар мавриди ҳодисаи Хуҷанд ва шахсияти таърихии Темурмалик, мусаллам аст, дар сафаҳоти китоби гаронмояи «Тоҷикон» баён гардидааст, ташхиси сарчашмаи аслӣ ва бунёдии дидгоҳи эшон, муҳим ба назар мерасад [7,с.15.].

Баъйид нест, бархе ҳам ҳадс ва тахмин бар он дошта бошанд, ки решаҳои дидгоҳи илмӣ ва таърихии Б. Ғ. Ғафуров, на танҳо дар баҳси мавриди назар, балки дар баҳсҳои дигари марбут ба таърихи мубориэоти мардуми тоҷик, маҳз дар китоби «Тоҷикон ва талошҳоии таърихии онҳо барои озодии ватан. (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон)», қарор дорад. Аммо қабл аз ин ки дар баҳси таҳаввули афкору андешаи соҳиби китоби «Тоҷикон» нисбат ба қазияи ҷойгоҳи Темур малик дар таърихи мубориэоти милли-озодихоҳии мардуми тоҷик рӯшанӣ андохта шавад, беҳтар ва муфидтар аст, ба нақди тарҷумаи тоҷикии ин китоби арзишманди устод Б. Ғ. Ғафуров пардохта шавад, то возеҳ дида гардад, мо аҳли илму таҳқиқ, нисбат ба ҷойгоҳи осори гаронмояи устодон ва дар дарки андешаҳои илмии бузургони илм то чӣ андоза бетаваҷҷӯҳӣ ва ё ба чӣ ҳадде кӯтоҳандешиҳо роҳ медиҳем.

***Тарҷума ва тафсири ноқис.*** Боиси хушҳолист, ки соли 2012 китоби Б. Ғ. Ғафуров ва Н. Прохоров зери унвони «Тоҷикон ва талошҳоии таърихии онҳо барои озодии ватан. (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон») бо тарҷума, тавзеҳ ва таҳрири Зиё Абудулло ва Истад Қосимзода дар интишороти «Адиб» дар 256 сафҳа аз чоп баромад. Муҳаррири масъул шодравон Фарҳоди Карим аст.

Дар китоби марвиди нақд низ омадааст: «Асар ки замони ҳассос ва даргири ҷанг бо рӯҳияи мубориэаю пайкор бахри озодиву истиқлолият аз фашизм рӯйи кор омадааст ва аҳамияти таърихияш ҳаргиз зудуда намегардад, нашриёти «Адиб» лозим донист, онро аз русӣ тарҷума ва ба хонандаи имрӯзӣ пешкаш намояд» [16].

Ишораи мутарҷимони китоб дар мавриди тағйири унвони аслии он дар тарҷума, мабнӣ бар ин ки: “Тоҷикон ва талошҳоии таърихи онҳо барои озодии ватан. («Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон») кардаанд, шояд аз диди санъати китобфурӯшӣ дуруст бошад, вале аз диди ахлоқи илмӣ, ҳамчунин иқдоми мутарҷимонро, бахусус пас аз гузашти даҳҳо сол аз фавти муаллифин, чандон муносиб ва усулӣ ва набояд донист.

Бо ҳар сурат, эроди аслии мо аз тарҷумаи унвони китоб, на дар мавриди тағйири унвони аслии китоб, балки адами дарки маонии таърих ва таҳрифи ноамдии мӯҳтавои навиштаҳои муаллифи он аз сӯйи мутарҷимин аст.

*Нахуст,* мутаваҷҷеҳ бояд шуд, дар унвони русии китоби мавриди назар, на таърихи кулли миллати тоҷик, балки ҷузъи муҳимми он, яъне: ***тавсифи нақши муборизоти озодиҳоҳии тоҷикон дар тӯли таърих*** аст.

*Дувум,* ин китоб на «очеркҳо», балки «очерк» ё «баён»-е аз баёноти таърихи куллии тоҷикон ва Тоҷикистон аст.

Таъкиди мутарҷимон бар ин ки мӯҳтавои ин китоб, моҳиятан дуруст мебошад, дар воқеъ, он як бардошти мутлақо ғалат аз таҳаввулоти андешаҳои илми таърихнигорӣ ва аз мӯҳтавои аслии китоби мавриди назар аст.

Зимнан, решаҳои шаклгирии дидгоҳҳои илмии Б. Ғ. Ғафуровро дар мавриди баҳсҳои таърихи миллӣ, набояд дар ҳамин китобе, ки бо ҳамуаллифӣ дар замони хосе навишта шудааст, ҷуст, балки мебояст бар ҳар як суханҳои муаллифи китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», ки нахуст ба забони тоҷикӣ [14] ва сипас солҳои 1952 [10]ва1955 (11) ва ниҳоят дар китоби «Тоҷикон» (соли 1972, ба русӣ) ба чоп расидааст [12], муқоиса намуд.

Ва аммо ин ҳол, ошноӣ ва баррасии тарҷумаи як бахши кӯчак аз китоби куллӣ, ки марбут ба таърихчаи муқовимати хуҷандиён алайҳи муғул бо сарварии Темурмалик (солҳои 1219-1220) аст, нишон медиҳад, ки алорроғми талошҳои зиёди мутарҷимон дар ҷиҳати интиқоли мӯҳтаво ва андешаҳои илмии муаллифони китоб ба забони тоҷикӣ, бо камоли таассуф, дар тарҷумаи онон мавориде пеш омада, ки аз диди илми таърихнигорӣ ва равишҳои тарҷумаи мутуни таърихӣ дар кулл наметавон мусбат арзёбӣ кард.

Саъй мекунам, дар зер бо овардани мисолҳое аз матни тоҷикӣ, дурустии бардошти хешро нисбат ба шеваи тарҷумаи тоҷикии он иброз намоям.

Чунончӣ, ҷумалот, иборот ва каламоти зиёдеро фақат аз зикри таъричаи воқеаи забти Хуҷанд тавассути муғул метавон мушоҳида намуд, ки чӣ аз диди меъёрҳои тарҷума ва чӣ аз назари шарҳои илми таърихнигорӣ, дучори навоқисе шудаанд: Аз ҷумла, дар тарҷумаҳо ибороти зайл ин гуна омадаанд:

«После захвата Бухары и Самарканда» - «Баъд аз Бухоро ва Самарқанд»; «в их осаде» - «истилои он шаҳрҳо»; «обрушились на этот древний таджикский город» - «ба сари ин шаҳри қадими тоҷикон чун мӯру малах рехтанд»; «смелый таджикский воин» - «сарбози ҷасури тоҷик»; «оставил Ходжент» - «Хуҷандро вогузошт», «ибо защита его была безнадежной» - «зеро ҳимояи он бефоида буд»; «в километре ниже Ходжента» - «як километр дуртар аз Хуҷанд»; «камнеметные орудия» - «силоҳи сангандоз», «монголы решили» - «муғулон хостанд»; «покрытых сырым войлоком» - «намади тар» ва ибораи «по ночам и рано утром» - «шабҳангом ё вақти саҳар» тарҷума шудаанд (16, С. 130), ки чандон мутобиқ бо маънӣ ва мазомини матни таърихӣ нестанд. Тарҷумаи саҳеҳ ва илмии ибороти фавқ, аз назари нигорандаи сутур бояд ба гунаи зайл мешуданд:

«Баъд аз тасарруфи Бухоро ва Самарқанд»; «дар муҳосираи он шаҳрҳо»; «ба сари ин шаҳри кӯҳани тоҷикон фурӯ рехтанд»; «ҷанговари шуҷои тоҷик»; «ба фосилаи як километр пойинтар аз Хуҷанд»; «манҷаниқҳо»; «муғулон тасмим гирифтанд», «бо намади тар пӯшида», «шабонгаҳ ва бомдод» ва ғ. Зимнан, дар матни тоҷикии китоби Б. Ғ. Ғафуров ибораи «як километр поёнтар аз Хуҷанд» истифода шудааст [14,с.240].

Ё ки: тарҷумаи ҷумлаи зайл: *«Используя труд многочисленных пленных, они привозили с гор камни и бросали их в реку»* низ чандон дар китоби мавриди назар чандон саҳеҳ нест, зеро дар он ибораи «ҳазорон асир» дуруст тарҷума, ба кулл нашудааст. Ибороте, чун: «поплыл вниз по реке» - «ба равиши оби руд сӯйи ҷануб», «голодные собаки» - «саги гурусна», «ускакали далеко вперед» - «пеш давида» - «перешиб цеп» - «канда партофт» [16, с.131]низ маънии тафосири ҳаводисро таҳриф намудаанд ва ибороти фавқ мебояст ба гунаи зайл тарҷума мешуданд: «ба рӯйи об равон шуданд», «сагони гурусна», «ҷилав гирифтанд» ва ғ.

Ҷумалот ва ибороти дигаре, чун: «Темурмалик встретил» - «Темурмалик дид», «мост из судов» - «мисли кӯпрук» - «вступать в бой» - «ба набард дароянд», «рассказывает упомянутое письмо» - «хотирнишон шудааст» (16, С. 131) низ дучори мушкилоти наҳвӣ шудаанд. Беҳтар мебуд, агар ибороти фавқуззикр дар ин шакл баргардон мешуданд: «Темурмалик рӯ ба рӯ шуд», «завракпул», «шурӯъ ба набард карданд»; «дар номаи фавқ омадааст» ва ғ.

Тарҷумаи бахше, ки ҳикоят аз ҷангҳои хуҷандиён дар саҳрои Борчалиғкант ва аз ҳаводиси Хоразм мекунад, низ дорои мушкилотест. Чунончӣ, ибороти русӣ, аз қабили: «все до одного

сложили свои головы» - «ҳама якҷоя ба ҳалокат расиданд», «где сосредоточились уцелевшие от разгрома силы хорезмшаха» - «дар он ҷо қувваҳои ҷангии зиндамондаи Хоразмшоҳро ба ҳам овард»; «выжидательная позиция - «фурсатёоб», «в Иран» - «сӯйи Эрон», «в полной нишите» - «ба камбағаливу хорию зорӣ», «ряд чувствительные удары» - «зарбаҳои ҳалокатовар», «не был в состоянии…» - «имкони мувофиқ» - «тюркские военачальники хорезмшаха» - «сарлашкарҳои туркнаҷод»(!), «необходимые контакты» - «алоқаи зарурӣ», «главным городом его удела» - «мулки асосии ӯ», «оружие и припасы» - «силоҳ ва захираҳои хӯрок» [16, с. 132] тарҷума шудаанд, ки бо камоли таассуф, маънии аслии итилоҳ коҳиш ёфтаанд.

Ҳамчунин, ибороте, ба монанди: «значительное войско» - «сарбозони ҳангуфт», «тюркские элементы» - «дар паҳлӯи туркнаҷодон», «выступил навстречу монголам»), - «ба пешвози муғулҳо бархоста» - «занял позицию» - «истеҳқом гирифтанд», «действуя отсюда» - «ин ҷо ӯ ба амал даромада» тарҷума шудаанд. [16, с. 133].

Ибороти тоҷикии корбурдшудаи мазбур дар тарҷумаи мутарҷимон аз дид ва меъёри илми таърихнигорӣ саҳеҳ нестанд, бад-ин далел, мутарҷимон ва муҳаррони китоби мавриди назар, ба тамомии талошҳояшон натавониста моҳияти воқеоти марбут ба таърихи мавриди назарро барои хонандагон ва ҳаводорони таърихи миллӣ ба дурустӣ интиқол бидиҳанд.

Чунин менамояд, адами ногоҳӣ аз таърихи сиёсӣ ва низомии асри муғул ва ошно набудани мутарҷимон ва муҳаррирони китоби мазбур бо мутуни таърихии асри куҳан ва истилоҳои вежаи аҳди муғул, боис шуда, то тарҷума ва тафсири матни илмии марбут ба таърихи дифои шаҳри Хуҷанд бо мушкилоте, ки зикраш омад, рӯ ба рӯ шаванд.

Зимнан, бояд мутаваҷҷеҳ шуд, дар фазои илмии кишвар бори аввал нест, ки ба далели адами масъулияти илмии тарҷумонон ва муҳаррирон, моҳияти илмии осори устоди таърих Бобоҷон Ғафуров, албатта, нохоста, ба дараҷаи ношинохтанӣ тахрибу таҳриф карда ва доранд мекунанд [3].

Фақат донистани забони русӣ ва ё ошно будани афроде бо забон ва хатти форсӣ набояд далоиле шаванд, ки ноогоҳона ва аз роҳи ҳавас масъулияти воқеъан, сахтеро дар ҷиҳати анҷоми корҳои илмӣ бар ӯҳда дошта бошанд. Сареҳан, метавон гуфт, ки ҳамчунин мантиқ ва амали бархӯрдро бо илми таърих ва ҷойгоҳи он дар ҳеҷ кишваре, ки донишро пос медорад, надоранд.

Ба далели вуҷуди масъулият аст, ки осори таърихии ниёкони моро дар донишгоҳҳо ва марокизи илмӣ-фарҳангии кишварҳои пешрафтаи дунёи Ғарб, фақат ва фақат, мутахассисон ва коршиносони дараҷаи аввал ва барҷастатарин ховаршиносон анҷом медиҳанд.

Агар хостори эҳтиром бошем, пас бояд нахуст суннатҳои номатлубро бишканем. Сареҳан, бояд пеши роҳи ҳавастозиҳо дар фазои илм гирифта шавад. Нигорандаи навиштор борҳо таъкид варзида, ки мутуни илмӣ-таърихиро бояд ҳатман мутахассис ва донандаи манобеи таърихӣ тарҷума ва тасҳеҳ намояд, дар ғайри сурат, кореро анҷом хоҳем дод, ки барои ҷомеа чандон судманд нахоҳад буд.

***Нақди дидгоҳ.*** Он гуна, ки зикр шуд, китоби мавриди нақд ба забони русӣ навишта шудааст. Чунин ба назар мерасад, пас, аз гузашти камтар аз ҳафтод соли чопи ин китоб, ҷойгоҳии илмии он боз ҳам аз сӯйи муҳаққиқон ба ҷиддият таъйин нашудааст. Вале он чӣ, маълуму машҳур аст, ин аст, ин таҳқиқи арзишманд дар он рӯзгори пас аз Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ нақши бисёр муассире ба ҷаҳонбинии мардумони собиқ шӯравӣ доштааст.

Гуфтанист, ки байни таърихи дифои шаҳри Хуҷанд дар баробари ҳуҷуми муғул аз ду вижагӣ бархӯрдор аст: *Нахуст,* ин аст, ки манобеи аслии баёни таърихи дифои шаҳр ва тавсифи муқовимати мардуми Хуҷанд таҳти раҳбарии Темурмалик дар ин китоб дақиқан маълум нест. *Дувум,* муаллифон ишорае бар осори илмӣ ва ё манобеъи аслӣ надодаанд. Ин амр бар он дорад, ки мухотабони аслии китоб на доираҳои илмӣ, балки доираи васеи хонандагон ва ҳаводорони таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ будааст.

Ба эҳтимоли қавӣ, баёни таърихи истилои шаҳри Хуҷанд бар пояи навиштаҳои В. В. Бартолд сурат гирифта ва дур ҳам нест, аз сӯйи муаллифон истифодаи фаровон шуда бошад. Вале он чӣ, ки баёни муаллифони китоби мавриди назарро аз навиштаҳои В. В. Бартолд ва низ аз нақли бадеи устод Садриддин Айнӣ мутаммойиз менамояд, кӯшиши систембандии дидгоҳи илмист (агарчӣ, дар шакли номуназзаму пароканда баён гардидааст) пиромуни ҷойгоҳи Темурмалик дар таърихи муборизоти миллиро озодихоҳии мардуми тоҷик дар тӯли таърихи беш аз дуҳазорсолаест.

Аз назари илмӣ, баёни таърихи дифои Хуҷанд дар баробари ҳамлаи муғулро, метавон яке аз муваффақтарин бахшҳои китоби мазбур муаррифӣ кард. Муаллифон тавонистаанд бо як

маҳорати вежаи нависандагӣ мубориэот ва аз худгузаштагиҳои мардуми Хуҷанди асри XIII-ро бипардозанд.

Аз диди фалсафаи таърих баёни таърихи дифои Хуҷанд таҳти раҳбарии Темурмалик низ қобили васф аст, зеро ки ин бахш аз китоб, дар воқеъ, яке аз ҷаззобтарин бахшҳо дар силсилаи андешаҳои илмиву идеологии муаллифон маҳсуб мешавад. Вале аз назари мӯҳтавои таърихӣ, ҳикояти таърихи дифои Хуҷанд дар ин китоб бар се меҳвар бунёд шуда ва он иборат аз мавориди зайл аст:

1. Хуҷанд шаҳри куҳани тоҷикон ва Темурмалик - марди шуҷоъ ва қаҳрамони миллии тоҷикон дар таърих аст. Аз ҷумла, омада, ки: «Мудофиаи шаҳрро ҷанговари шуҷои тоҷик Темурмалик роҳбарӣ мекард… (ва) тоҷикон номи қаҳрамони миллии худ Темурмалики паҳлавони хуҷандиро ҳамеша бо ифтихор ба ёд меоваранд» [16, с. 130, 134].

2. Таъкиди вежа ба ҳамкории Темурмалик бо султон Ҷалолуддин. Муаллифон мӯътақиданд, ки Темурмалик то охирин лаҳазот бо султон Ҷаолуддин ҳамроҳ буд ва алайҳи муғул набард мекард. Чунончӣ: «Дар сафи ҷанговарони аз ҳалокат раҳоёфтаи Ҷалолуддин қаҳрамони номдори мудофиаи Хуҷанд - Темурмалик низ буд, ки то охири ҳаёти Ҷалолиддин ҳамқисматаш буд» [16, С. 134].

3. Зарурати пос доштани номи қаҳрамонони миллӣ. Чунончӣ: «Номи Муҳаммад Хоразмшҳро туркманҳову ӯзбекҳои замони мо ҳам фаромӯш кардаанд, ки дар рагҳояшон хуни ҷанговарони туркӣ бо раҳбарии Ҷалолиддин барои истиқлоляти меҳанашон ҷангидаанд, метапад, фақат номи Ҷалолиддинро то имрӯз дар хотир нигаҳ медоранд» [16, с. 134].

Бояд гуфт, ки ҳамчунин дидгоҳи мӯъҷазу муфиди илмӣ дар мавриди қаҳрамони таърих дар як китоби муҳимму муфиди муштарак, ки ба забони русӣ дар замони ҷанг чоп шудааст, далел наметавонад бар он шавад, ки гӯем, ки Б. Ғ. Ғафуров таъсирпазир аз дидгоҳҳои таърихии А. Прохоров шуда бошад. Баръакс, дидгоҳи Б. Ғ. Ғафуровро дар қазияи таърихи дифои меҳан ва таъйини нақши Темурмалик бояд дар рисолаи илмии эшон, ки пас аз се соли чопи китоби мавриди назар ба забони тоҷикӣ таълиф шудааст, ба ҷиддӣ ҷуст.

Баёни равшани таърихи дифои Хуҷандро, ки дар сафаҳоти нахустин китоби ҷомеи илмӣ-паӯҳишии Б. Ғ. Ғафуров, ки соли 1947 [14] ба забони тоҷикӣ дар Сталинобод ба чоп расид, метавон аз сарчашмаи дидгоҳи илмии муаллиф дар мавриди Темурмалик ва ҳодисаи Хуҷанд номид.

Илова бар се мавориде, ки зикраш батафсил омад, Б. Ғ. Ғафуров дар нахустин китоби ҷомеи таърихи миллӣ, барои аввалин бор ба ҳайси як муаррихи миллӣ қазияи таърихиро мавриди баррасии хеш қарор дода ва аз ин тариқ номи яке аз қаҳрамонони таърихи миллиро ба ҷомеаи собиқ шӯравӣ муаррифӣ намудааст.

Тафовути ҷузъие, ки дар матни тоҷикӣ ба чашм мехӯранд, бештар марбут сабки нигоришанд. Чунончӣ, ба ҷойи ибораи «сагони гурусна» «каргасҳои гурусна» истифода шудааст. (Муқоиса шавад: [9-134; с.14-241]. Дар матни тоҷикӣ, ибораи «қаҳрамонони тоҷик» омадааст[14, с.241]. Ва низ омадааст: «Дар байни сарбозони аз дасти муғулҳо саломатмондаи Ҷалолиддин қаҳрамони мудофиаи шаҳри Хуҷанд Темурмалик низ буд» [14, с.244].

Муаллифи китоби мазбур таваҷҷӯҳи вежае дар тавсифи сифоти Темурмалик дошта, аз ҷумла, зимни нақли воқеаи Хуҷанд, мушаххасан ин гуна омадааст: «марди далер» ва «қаҳрамони бошарафи мудофиаи шаҳри Хуҷанд» [14, с. 240 -244].

Ҷойгоҳи таърихии дифои Хуҷанд дар баробари ҳуҷуми муғул, ба унвони натиҷагирӣ, хеле возеҳ арзёбӣ шудааст. Чунончӣ: «Умуман, қаҳрамонии мудофиакунандагони Хуҷанд ва корнамоии сардори онҳо Темурмалик яке аз беҳтарин намунаҳои диловарии халқи тоҷик буд» [14, с.241].

Дар нашрҳои баъдии китоби мазбур, ки ба забони русӣ, ду бор, яъне солҳои 1952 ва 1955 ба чоп расидаанд, тағйироти ҷузъӣ, ки асосан ба сохтор ва тақсимбандии матлаб марбутанд, қобили мушоҳидаанд. Зимнан, бозбинии назарот ва бо иловаҳои қобили таваҷҷӯҳ дар бахшҳои дигари китоб бештар ба назар мерасанд, то бахши мавриди назар.

Баёни таърихи дифои Хуҷанд ва корномаи Темурмалику хуҷандиён дар ҷанги зидди муғул бисёр мӯъҷаз аст. Он чӣ, қобили таваҷҷӯҳ аст, ба бахши махсус ҷудо кардани таърихи ҳодисаи Хуҷанд мебошад, ки «Тимур Малик и героическая оборона Ходжента», ном дорад. (Р. к. ба: [10, С. 270-271;11, Т. 1, С. 298-299]. Дигар аз вижагии матни ҷадид, таъкиди махсус бар тӯли замони муҳосира аст, ки аз ҷумла, омада: «монгольские войска… безуспешно осаждали этот древний таджикский город» [10, С. 270; 11, Т. 1, С. 298]. Сифоти раҳбари дифоъ, бо истифодаи ибораи «отважный воин» ҷамъбаст шудааст [10, С. 271; 11, Т. 1, С. 299].

Азрёбии ниҳоии муаллиф аз ҷойгоҳи воқеъаи Хуҷанд, дақиқан такрори дидгоҳи қаблист, ки зикраш батафсил омад. Чунончӣ: «Героизм защитников Ходжента составляет одну из замечательных страниц в истории таджикского народа. Несмотря на огромное превосходство сил протиника, осажденные не прекращали своей борьбы» [10, С. 271; 11, Т. 1, С. 298].

Назари муаллиф дар мавриди ҳамкории Темурмалик бо султон Ҷалолуддин, тағйир наёфта ва боз ҳам мӯътақид аст, ки: «Упорное сопротивление войскам Чингис-хана оказал также сын хорезмшаха Мухаммада - Джалолиддин. Вместе с присоединившимся к нему Тимур Маликом Джалолиддин нанес монгольским войскам ряд крупных поражении» [10, С. 272: 11, Т. 1, С. 299].

Дидгоҳи Б. Ғ. Ғафуров дар мавриди воқеаи дифои Хуҷанд, дар китоби мондагори «Тоҷикон», албатта, пас аз тааммул ва тафаккури амиқ, мӯъҷазу пухта ироа гардидааст. Муҳиммтарин вежагии матни охир вуҷуди ирҷои илмист, ки муаллиф зимни баёни ҳодисаи таърихӣ суд ҷуста ва ба вузӯҳ воқеаи Хуҷандро «Мудофиаи қаҳрамононаи Хуҷанд» номидааст. Ошкор аст, ин бор мардуми Хуҷанд дар мадди аввал ва сипас номи амири он, ба унвони «марди ҷасури ҷангӣ» қарор дода шудааст[15,с.449].

Арзёбии ниҳоии таърихи дифои Хуҷанд дар баробари ҳуҷуми муғлон, аз диди илмӣ, бисёр арзишманд ба назар менамояд. Чунончӣ, дар ин китоб омадааст:

«Қаҳрамононии мудофиакунандагони Хуҷанд яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои таърихии халқи точик мебошад. Онҳо бо вуҷуди хеле кам будани қувваи худ муборизаро ба муқобили қушуни пуршумори душман қатъ накарданд» [15, с. 449].

Бори дигар таъкиди соҳиби китоби «Тоҷикон» бар нақши мардуми Хуҷанд дар дифои ватанашон ишораи мустақим бар арҷгузории муаллифи китоб бар арзишҳои неки инсонӣ дорад. Дигар аз муҳимтарин тазаккуроти ин устоди бузурги илми таърих дар робита мавзӯи ҷойгоҳи таърихии ҳодисаи Хуҷанд, таъйин ва арзёбии корнамоии Темурмалик ва шахсияти ӯ дар ҷангҳои зидди истилогарони хунхори аҷнабист. Аз диди Б. Ғ. Ғафуров, ҳокими Хуҷанд сарбози ҷасур ва меҳанпарасти тоҷик буда, ки дар дифои ватан ҷонбозиҳо кардааст [12, с.450-451].

Дигар аз мавзӯоте, ки дар китоби «Тоҷикон» махсус зикр шудааст, масъалаи тақдири султон Ҷалолиддин, ки аз ҳамроҳони Темурмалик мебошад. Б. Ғ. Ғафуров бар ин назар аст, ки «писари Муҳаммади Хоразмшоҳ - султон Ҷалолиддин ҳам ба муқобили қӯшуни Чингизхон муқовимати ҷиддӣ намуда, бо ҳамроҳии Темурмалик ба истилогарони муғул чандин зарбаи шадид расонид. Вале саранҷом худи ӯ низ дар моҳирибаи наздикии Ҳинд дучори шикаст гардида, аз саҳнаи мубориза бурун рафт»[15, с. 450].

Дар зимн мутаваҷҷеҳ бояд шуд, назари муаллифи китоби «Тоҷикон» нисбат ба ҷойгоҳи султон Ҷалолиддин дар таърихи муборизаи мардумони Моваруннаҳру Хуросон алайҳи истилогарони муғул, дар воқеъ, яке аз мудаллалтарин дидгоҳҳои илмӣ дар илми таърихнигории собиқ шӯравӣ маҳсуб мебошад.

Аз таҳлили муқоисаӣ ва нақди тахассусии мӯҳтавои матни кутуби мавриди назар ошкор мешавад, ки Б. Ғ. Ғафуров, бо вуҷуди набудани таҳқиқоти комилан тахассусӣ ва академикӣ дар мавзӯи таърихи ҳодисаи Хуҷанд ва шахсияти таърихии Темурмалик, боз ҳам барои ироаи дидгоҳи қатъии хеш таммули бисёр амиқу боназокат аз худ зуҳур намуда, дар ниҳоят аз ироаи назари хеш мабнӣ бар асл ва насаби раҳбари дифои Хуҷанд, сарфи назар менамояд. Барои муаллиф, ин бор мавзӯи нажоди раҳбари дифоӣ муҳим нест, балки ин муҳим аст, ки мардуми Хуҷанд тавонистанд аслитарин омилони рашодатҳо ва қаҳрамониҳои беназири таърих шаванд.

Дур нест, ки иртиботи корӣ, маслиҳатҳо ва машваратҳои шахсии Б. Ғ. Ғафуров ба унвони директори Институти ховаршиносии Академияи улуми собиқ шӯравӣ бо мутахассисони дараҷаи аввали таърихи асри муғули он рӯзгор, аз қабили: А. Ю. Якубовский, И. П. Петрушевский, З. М. Буниятов ва дигарон боис шуда, то зарурати анҷоми таҳқиқот ва пажӯҳишҳои амиқу сангини илмӣ дар таърихи истилои муғул ва аз ҷумла, дар қазияи шахсияти Темурмалик ва ҳодисаи шаҳри Хуҷандро яке аз вазоифи муҳаққиқин барои оянда вогузоштааст.

Бесабаб нест, барои нахустин бор пажӯҳиши гаронарзиши илмӣ дар робита бо таърихи истилои муғул, дақиқан, пас аз панҷ соли нашри китоби «Тоҷикон», яъне соли 1977, ки аз сӯи чанд тан аз маъруфтарин мутахассини таърихи асри муғул анҷом гирифта буд, дар Маскав зери назари академисиан С. Л. Тихвинский ба чоп расид. Ин маҷмӯаи илмии арзишманд, то кунун ду маротиба ба чоп расида ва бешакк, аз зумраи пажӯҳишҳои сангин илмии даврони шӯравӣ маҳсуб мешавад [18].

Метавон ҳадс зад, профессор И. П. Петрушевский, нахустин муҳаққиқе буд, ки пажӯҳиши вижаеро пиромуни таърихи дифои Хуҷанд дар баробари ҳамлаи муғулро маҳз дар ҳамин

маҷмӯаи илмӣ ироа дод, ки шакк нест, бо таъйид ва тасдиқи Б. Ғ. Ғафуров сурат гирифтааст ва нақду баррасии он навиштори арзишманди илмӣ дар ҷойи дигаре хоҳад омад [17, с.127-128].

***Натиҷагирӣ***: Моя ва пояи аслии дидгоҳи Б. Ғ. Ғафуров пиромуни мавзӯи таърихи дифои Хуҷанд дар ҷанги зидди муғул ва таъйини нақши таърихии Темурмалик дар таърихи муборизоти озодихоҳонаи мардуми тоҷик ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи муаллиф қарор дошта, вале дидгоҳи барои нахустин бор ба забони русӣ дар китоби «Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей родины», бо ҳамкории А. Прохоров ҷиҳати таблиғи васеъ аз корномаҳои таърихии миллати тоҷик ва низ барои тақвияти идеологияи болшевикии замони шӯравӣ ироа гардидааст.

Агарчӣ, дидгоҳи илмии Б. Ғ. Ғафуров дар мавзӯоти марбут ба таърихи муборизоти мардуми тоҷик алайҳи истилогарони бегона, тибқи суннати замони шӯравӣ ба забони русӣ баён шудаанд, вале воқеъият ин аст, ки маншаи назароти эшонро дар қазияи фавқуззикр дар рисолаҳои илмии эшон, ки дар даҳаҳои 50-70 асри гузашта таълиф шудаанд, ба гунаи возеҳ метавон ошкор намуд.

Дар тӯли беш аз 30 сол, яъне аз замони таълифи китоби «Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна» то чопи китоби «Тоҷикон» (с.1972, ба забони русӣ), дидгоҳи Б. Ғ. Ғафуров дар қазияи ҷойгоҳи таърихии Темурмалик бисёр андак тағйир ёфта ва агар, аҳёнан, таҳаввулоти ҷузъӣ дар баҳси таърихи мавриди назар ба миён омада бошад, бидуни шакк, натиҷаи саъйи муаллиф дар ҷиҳати тасҳеҳи назар бар пояи додаҳои навини илмӣ ва ношӣ аз тааммулҳо ва тафаккурҳои амиқу мукаррар будааст.

Агар нависандаи шаҳири тоҷик С. Айнӣ нахустин наққоли баёни ҳодисаи таърихӣ ва суратгари моҳири симои Темурмалик дар адабиёти бадеии замони шӯравии собиқ бошад, пас муаррихи муаррихон Б. Ғ. Ғафуровро меъмори аслии дидгоҳи мактаби илмии таърихнигории миллӣ дар ин қазия баршумурд.

Пӯшида нест, дидгоҳи қатъӣ ва ниҳоии Б. Ғ. Гафуров пиромуни ҷойгоҳи таърихии Темурмалик, ки дар китоби «Тоҷикон» баён шудааст.Ҷони навиштаҳои ин устоди устодони таърихнигори миллӣ ин аст, ки дар ниҳоят мардуми Хуҷандро омили аслӣ ҷиҳати созмон додани дифои машҳур дар таърих дониста ва ҳамзамон малики ин шаҳри таърихиро, сарфи назар аз хостаҳои идеологии ҳокими вақт, ба унвони қаҳрамони беназари таърихи миллӣ муаррифӣ намудааст, ки ин худ фақат як намунае аз хадамоти таърихии муаллифи китоби ҷовидонаи «Тоҷикон» барои тоҷикон мебошад, ки бояд ба шоистагӣ арҷгузорӣ кард.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Айнӣ,С.Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик/ С.Айнӣ.- Душанбе, 1973.-168 с.
2. Бартольд, В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия/В.В.Бартолд // Сочинения.Т. I. М., 1963.-763 с.
3. Бойматов, Л. Д. Нақде бар китоби «Тоҷикон»/Л.Д.Бойматов// Китоби моҳ. Таърих ва ҷуғрофиё, 1382 ҳ./2003, Фарвардин ва Урдубиҳишт - Апрел - Май, № 67.- С. 85-88.
4. Бойматов, Л. Д. Аз Темурмалик чӣ медонем? - Душанбе, 2006, - 142 с.
5. Бойматов,Л.Д.Завоевание Худжанда монголами// Иран-наме.-2015.- № 3-4 (35-36).-С. 201-247.
6. Бойматов, Л.Д.Тимур Малик: Первоисточники и научная литература. Сборник статей. Отв. и научн. ред. д. и. н., профессор А.Ш.Кадырбаев.LAP-Lambert Academic Puӣlishing.2019.- 113.с.
7. Бойматов, Л. Д. Газофкорон. Шинохти осори таърихии тарфандин. Виростор: Мазҳариидин Ғозиев. "GloӣeEdit". 2019.- 296 с.
8. Бойматов,Л.Д.Худкомагон дар ойинаи таърих."GlobeEdit",Beau Bassin(Mauritius),2020.-156 с.
9. Гафуров, Б. Г. Прохоров Н. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей родины. Очерк из истории таджиков и Таджикистана. Госиздат при СНК Таджикской ССР. Сталинабад, 1944.-212 с.
10. Гафуров, Б. Г. История таджикского народа. В кратком изложении. С древнейших времён до Великой Октябрьской Социалистической Революции 1917 года. Изд. 2-е, исправленное и дополненное. Под ред. чл.-корр. АН Таджикской ССР С. Брагинского. Изд-во Политической литературы. М.: 1952.- 503 с.
11. Гафуров, Б. Г. История таджикского народа в кратком изложении. Т. 1: С древнейших времён до Великой Октябрьской Социалистической Революции 1917 года. Изд. 3-е, исправленное и дополненное. Под ред. чл.-корр. АН Таджикской ССР С. Брагинского. Изд-во Политической литературы/Б.Гафуров.- М.:1955.- 544 с.
12. Гафуров Б. Г. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история. Отв. Ред. Б. А. Литвинский/Б.Г.Гафуров.- М.: Наука. 1972.- 425 с.

13.Гафуров, Б. Г. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история. Отв. Ред. Б. А. Литвинский. Книга первая. Изд. 2-е. Душанбе, Ирфон, 1989.-384 с.
14. Ғафуров Б. Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷилди I. Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. Сталинобод. 1947. -140 с.
15. Ғафуров,Б.Ғ.Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна.Ҷ.1.Душанбе,1983.-700 с.
16.Ғафуров, Б. Прохоров Н. Тоҷикон ва талошҳоии таърихии онҳо барои озодии ватан(Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон). Муҳаррири масъул Фарҳоди Карим. Тарҷума, тавзеҳ ва таҳрири Зиё Абудулло ва Истад Қосимзода. - Душанбе, Адиб,2012.-256 с.
17.Петрушевский, И. П. Поход монгольских войск в Среднюю Азию в 1219 - 1224 гг. и его последствия. // Татаро-монголы в Азии и Европе. Отв.ред. С.Л. Тихвинский. Изд. 2-е, переработанное и дополненное. М.: 1977, С. 107-139.
18.Татаро-монголы в Азии и Европе. Отв.ред. С. Л. Тихвинский. Изд. 2-е, переработанное и дополненное. М.: 1977.-504 с.
19.Турсунов, Н. Ҳафтхони Темурмалик.Тадқиқоти илмӣ/Н.Турсунов.- Хуҷанд, 2003.-404 с.

**REFERENCES:**

1. Ayni, S. A Hero of Tajik People Temurmalik. - Dushanbe, 1973.-168 p.
2. Bartold V. V. Turkestan in the Era of the Mongol Invasion // Compositions, -V. I. - M., 1963.-763 p.
3. Baimatov L.D. A Review on the Book of Tajiks // Monthly. History and Geography, 138 Strategies. / 2003, Farvaddin and Urdibihisht - April - May, No. 67. - P. 85 - 88.
4. Baimatov, L. D. From What we Know Temurmalik? - Dushanbe, 2006. - 142 p.
5. Baimatov, L. D. The Conquest of Khujand by Mongols // Iran-name.-2015.- № 3-4 (35-36). - P. 201-247.
6. Boymatov, L.D, Timur Malik: Primary Sources and Scientific Literature. Digest of articles. Resp. and scientific. ed. etc. and. Sci., Professor A. Sh. Kadyrbaev. LAP - Lambert Academic Publishing-House. 2019. – 113 p.
7. Baimatov L.D. Gazofkoron. Recognition of Historical Monuments Tarfandin. Editor: Mazhariidin Ghoziev. “GloieEdit”. 2019. – 296 p.
8. Baimatov L.D. Khudkomagon in the Mirror of History. “GlobeEdit”, Beau Bassin (Mauritius), 2020, - 156 p.
9. Gafurov BG and Prokhorov N. Tajik People in the Struggle for Freedom and Independence of their Homeland. Essay on the history of Tajiks and Tajikistan. State Publishing House under the Council of People's Commissars of the Tajik SSR. Stalinabad, 1944.-212 p.
10. Gafurov BG History of the Tajik people. In summary. From ancient times to the Great October Socialist Revolution of 1917. The 2-nd edition, revised and supplemented. Ed. Corresponding Member Academy of Sciences of the Tajik SSR S. Braginsky. Publishing House of Political Literature. - Moscow: 1952.-503 p
11. Gafurov, B.G. The History of the Tajik People in a Summary. -V.1: From ancient times to the Great October Socialist Revolution of 1917. The 3rd edition, revised and supplemented. Ed. Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Tajik SSR S. Braginsky. Publishing House of Political Literature. - M.: 1955.-544 p.
12. Gafurov B.G. Tajiks: The most ancient, ancient and medieval history. Resp. Ed. B. A. Litvinsky. - M.: Science. 1972.-425 p.
13. Gafurov, B.G. Tajiks: The most ancient, ancient and medieval history. Resp. Ed. B. A. Litvinsky. Book one. The 2nd edition. – Dushanbe: Cognition, 1989.14. B. Gafurov D. Brief history of the Tajik people. - V.I. The State Publishing. Stalinabad. 1947.-384 p.
15. Gafurov B.G. Tajiks. The most ancient history, ancient and medieval history. - V.1. Dushanbe, 1983.-700 p.
16. Gafurov B.G. Prokhorov, N. Tajiks and their Historical Strikes for Freedom of their Homeland. Under the editorship of Karim Farhodi. Explain, translation and edition of Zia Abudullo and released Kosimzoda. – Dushanbe: Man-of-Letters, 2012.
17. Petrushevsky I.P. The Campaign of the Mongol Troops in Central Asia in 1219 – 1224 and its Consequences. // Tatar-Mongols in Asia and Europe. Editor-in-chief S.L. Tikhvinsky. The 2nd edition, revised and enlarged. - M.: 1977. – P. 107-139.
18. Tatar-Mongols in Asia and Europe. Editor-in-chief S.L. Tikhvinsky. The 2nd edition, revised and enlarged. – M., 1977.-504 p.
19. Tursunov N. Temurmalik`s Haftkhon. Explorations. - Khujand, 2003.-404 p.